# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ Шоҳиён Нуралӣ Набот ба диссертатсия ва автореферати Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳ омӯзгорӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст. (Такрорӣ)

**Мубрамии таҳқиқот**

Рисолаи унвонҷӯй Раҷабова Фируза Садриддиновна ба яке аз самтҳои муҳим ва муосири методикаи таҳсилоти касбӣ оид ба таълиму омӯзиши забони хориҷӣ баҳри ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар шароити муҳити гуногунфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ бахшида шудааст. Тазаккур медиҳем, ки бунёди ақидаи илмӣ ва муносибати хоси пажуҳиш ба масъалаи интихобшуда аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар марҳилае ба анҷом расид, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсан Президенти кишвар, Пешвои миллат,Ҷаноби Олӣ Эмомали Раҳмон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муаассисаҳои гуногуни зинаи таҳсилоти Тоҷикистон, минҷумла макотиби олӣ, пайваста таваҷҷӯҳ ва мароқи комил зоҳир мекунанд. Дар ин бобат барномаи давлатии тоза қабулшудаи таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар солҳои 2021-2030 шаҳодат медиҳад.

Падидаҳои тозаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи муосири пажуҳиш ва стратегии такмил ва тадриси забони хориҷӣ дар макотиби олии омӯзгорӣ руҷӯъ намуда, асосҳои илмӣ ва бунёдии проблемаи вобаста ба инкишофи салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгориро дар пайвастагӣ бо истифода аз технологияҳои педагогии таълим ва омӯзиши касбии забони хориҷӣ роҳандозӣ кардааст.

Аз нигоҳи муаллиф ҳамбастагии фарогири марбут ба масоили ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ, дарки асосҳои илмӣ-назариявии таълиму омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши низому раванди таъмини муоширати байнифарҳангӣ аз самтҳои муҳимми илми педагогикаи ватанӣ маҳсуб меёбад.

Дар рисола моҳият, сохтор ва мавқеи салоҳиятмандии забонӣ ва муоширати байнифарҳангии донишҷӯён дар партави фаъолияти касбии минбаъдаи онҳо чун омӯзгори фанни забони хориҷӣ, вусъати дониш,

маҳорат ва малака ҳамчун омили пешбурди раванди омӯзиш ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Шиносоӣ бо диссертатсияи уновонҷӯй собит месозад, ки маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи таҳқиқотро ғояи муаллиф дар самти ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар заминаи модели махсус ва технологияи амалигардонии он дар раванди омода кардани кадрҳои болаёқат дар низоми таҳсилоти олии омӯзгории кишвар ташкил медиҳад. Дар ин бобат метавон таҳия ва баргузории курс-семинари махсусро аз ҷониби унвонҷӯй оид ба мавзӯи «Муоширати байнифарҳангии муаллими забони хориҷӣ», ки ба ташаккул ва такомули дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ махсус қайд кард.

Муаллиф комилан дуруст пай мебарад, ки шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар самти фаъолияти бо ҷидду ҷаҳди муҳассилинни омӯзиши забони хориҷӣ, махсусан, бедории шавқу рағбати онҳо барои омӯзиши ҳамзамон фарҳанги кишварҳои хориҷ забонҳоро мекушояд. Аз нигоҳи пажуҳишии муаллиф роҳ ва усулҳои шиносоӣ бо фарҳанги миллии кишварҳои дигар зимни омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити кунунии робитаҳои байналмиллалӣ барои мутахассисони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории Тоҷикистон аҳамияти хос пайдо мекунад ва ҳалли бомуваффақи масъаларо ба қатори арзишҳои муҳимми сиёсати давлат ва ҳукумат дар соҳаи забономӯзӣ мегузорад.

Дар рисолаи мазкур роҳҳои ташаккули салоҳияти байнифарҳангии омӯзгорони забони хориҷӣ тавассути ҳамкории педагогӣ дар заминаи муоширати байнифарҳангӣ чун унсури ҷудонашаванда ва ногусастаи раванди таълиму тадрис пешниҳод шуда, аз нигоҳи мантиқи диалектикии салоҳиятмандӣ, фаъолмандӣ, устуворӣ ва мунтазам рушдёбии шахсияти омӯзгори фанни забони хориҷӣ арзёбӣ шудааст.

Унвонҷӯй ба дарёфти консепсия ва равиши илмӣ-методӣ аз манзари фарзияи асоснок муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола, ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ба шарте таъмин мегардад, ки агар модели рушд ва технологияи амалисозии он дар раванди таълим дар факултаҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ коркард шуда бошад. Ҳамчунин меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони

хориҷӣ, методҳо ва воситаҳои технологии бозиҳои гуногуни фаъолмандии онҳо фаро гирифта шавад.

Муаллиф комилан дуруст пай мебарад, ки донистани забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошırати байнифарҳангӣ бе азхудкунии мувозии фарҳанги ношинос ва ғайримуқаррарӣ номумкин аст. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи муаллиф раванди таълимро тавре бояд ташкил дод, ки забони хориҷӣ ҳамчун феномен – мӯъҷизаи нодири фарҳанги миллии соҳибони забони ношинос ва бегона мавриди омӯзиш қарор гирифта, навъи махсуси салоҳиятмандӣ - муошırати байнифарҳангӣ тавҷеҳ карда шавад ва муошırати комил дар ин росто таъмин гардад. Нуктаи дигари муҳими рисола аз он иборат аст, ки барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён бедорӣ ва вусъати шавқу рағбати онҳо дар омӯзиши ҳам забон ва ҳам фарҳанги кишварҳои хориҷзабон муҳим ва ногузир аст.

Дар рисолаи Раҷабова Фируза Садриддиновна ба проблемаи ташаккули салоҳиятмандии муҳассилин ҳамчун падидаи нав нигоҳи тоза андӯхта шудааст. Мутахассисони соҳаи педагогикаи ватанӣ ба вожаи “салоҳиятмандӣ” нигохи мухталиф доранд, вале муаллифи рисола дар натиҷаи таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасти афкори илмии мавҷуда ақидаи тозаи хешро иброз медорад: “Салоҳиятмандӣ қобилияти мустақилона амал кардан буда, ба донишҳои ҳосилкардаи хонанда, таҷрибаи зеҳнӣ ва ҳаётӣ, арзишҳо ва майлу рағбатҳои ӯ асос меёбад, қобилияти хешро дар натиҷаи фаъолияти маърифатӣ ва таҷрибаи таълимӣ рушду нумӯ мебахшад” (саҳ.24-и рисола).

Бино бар гуфтори муаллиф салоҳиятмандӣ дар вазъе таъмин мегардад, ки агар асос ва мундариҷаи омӯзиши ба ҳам пайвасти забони хориҷӣ ва фарҳанги миллии кишварҳои хориҷзабон аниқ гардида, таълиму омӯзиш аз ҷониби шахсияти муҳассил ташаббус пайдо кунад. Дар ин маҷом роҳандозии усули ҳамгироӣ-интегративии байни фанҳои таълим бештар босамар арзёбӣ мешавад, ки он, бешубҳа, ба рушди маҳорату малакаи муошırати байнифарҳангии муҳассилин мусоидат менамояд.

Унвонҷӯй дар ҳалли масъалаҳои ба миён гузошта дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва осори илмии олимони ватанӣ, рус ва кишварҳои дигар муваффақ шуда, тавассути таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа консепсияи шахсии хешро таҳия ва роҳнамоӣ кардааст. Шиносоӣ бо рисола собит кард, ки муаллифи диссертатсия дар самти интихобкардаи хеш ба татбиқи фарзияву дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудааст.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазоифи зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

1. Таҳлили назариявии проблемаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.
2. Коркарди мундариҷаи технологияи бозиҳое, ки ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимони ояндаи забонҳои хориҷиро пешбинӣ менамояд.
3. Таҳияи модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллими забони хориҷӣ ва технологияи амалигардонии он дар раванди таълими факултаҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.
4. Муайян кардани меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар шароитҳои таълими таҷрибавӣ-озмоишӣ.
5. Санҷиши самаранокии технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии таълими таҷрибавии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ ошкор ва аз лиҳози озмоишӣ муқаррар карда шудааст.
6. Тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои муаллимони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муаллимони забонҳои хориҷӣ ба мақсади такмили мундариҷаи технологияи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии муаллимони ояндаи забони хориҷӣ.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада** дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола тасдиқи хешро ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот**:

1. Бори нахуст дар илми педагогикаи ватанӣ тарзи ҷадиди таҳқиқи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ қарор дода шуд.
2. Моҳият ва сохтори салоҳиятмандии донишҷӯён дар самти муошırати байнифарҳангӣ зимни таълим ва омӯзиши забони хориҷӣ дар муҳити бисёрзабонӣ ва гуногунфарҳангӣ муайян гардида, салоҳиятҳои калидӣ,

аз ҷумла, забонӣ, коммуникативӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, мавзӯӣ, инфиродӣ ва амсоли он таҳлил ва мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

3. Модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён, ки самарабахшии истифодаи технологияҳои инноватсиониро ҳангоми таълими забони хориҷӣ таъмин месозад, коркард карда шудааст.

4. Низоми санҷиши ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён, ки меъёрҳои фарҳангшиносӣ, коммуникативӣ, касбӣ ва шахсиятӣ-арзиширо фаро мегирад, инчунин нишондиҳандаҳои ҳар як меъёри баҳодиҳӣ пешниҳод гардидааст.

5. Маводи таълимӣ оид ба амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ (АНШХ), ки таъсири мутақобилаи унсурҳои фарҳанги миллӣ, маврид ва ҳолатҳои воқеии муошировти байнифарҳангӣ, интихоби методҳо ва воситаҳои технологияҳои бозигиро пешбинӣ мекунад, коркард шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар рисола дар асоси талабот нисбати омӯзгорониояндаи забони хориҷӣ модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими муошират бо забони ғайр, ки мақсад, вазифаҳо, муносибатҳо, принсипҳо, қисматҳо, сохтор ва мундариҷаи муоширати байнифарҳангии дар шароитҳои таълим дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ташаккулёбандаро фаро мегирад, коркард карда шудааст. Модели коркардшуда барои барқарорсозии асоси назариявии омодагии донишҷӯён ва самаранокии технологияҳои педагогӣ ҳангоми таълими забони хориҷӣ хидмат мерасонад, ки ба татбиқи он дар рафти таълими равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ба забони хориҷӣ мусоидат менамояд.

Таҳқиқи таҷрибавӣ-озмоишии рисола ба чунин иддаои илмии мантиқан ва моҳиятан дурусти муаллиф такя мекунад: ҳадафи асосии омӯзиш ва таълими забони хориҷӣ ташаккули салоҳиятмандӣ дар гуфтор ва муошироти озод аст, яъне омӯзиши забон ҳам азхудкунии дониши назариявӣ ва ҳам рушди малакаҳои амалиро тақвият мебахшад. Ҳамоне забондон аст, ки тавоноӣ ба гуфтор ва муошироти озод дорад. Чунин ғояи муаллиф ба иҷрои консепсияи муосири муносибати босалоҳият ба таълим нигаронида шудааст.

Маводҳои таҳқиқот ҳамчунин метавонанд барои курсҳои махсус, семинарҳои махсус, таҷрибаомӯзиҳо, тренингҳо дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ истифода бурда шаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он зикр меёбад, ки ӯ ҷиҳати асоснокӣ ва бунёдии ғояҳо ва андешаҳои методии ба маърази таҳқиқ гузошташуда, таҳия ва коркарди амсилаи консептуалии таҳқиқот ақидаҳои пойдор ва устувор баён намуда, дар заминаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, фаъолиятмандии шахсии

муҳассилин, роҳандозии низоми ҳамгирой-интегратавӣ ба ташаккули муоширати касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории Тоҷикистон муваффақ шудааст.

Муаллиф ба ҷузъ дарёфти роҳу усули тозаи таҳқиқот дар коркарди асосҳои илмӣ ва назариявии проблемаи интихобшуда, ҷамъбасти таҷрибаю донишҳои педагогию методии андӯхтаи хеш боз ба он муваффақ шудааст, ки семинари махсус роҷеъ ба мавзӯи «Муоширати байнифарҳангии омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ» тавассути тарзу усулҳои таълим ва методҳои пешқадами омӯзиши амалии забони хориҷӣ доир намуда, барои устодон ва омӯзгорони ин фан тавсияҳои муфид ба миён гузоштааст. Муаллиф дар интихоби роҳу усули пажуҳиш, тарзи таълиму омӯзиши забони хориҷӣ, санҷиши бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, анҷом додани рисолаи диссертатсионӣ, таҳияю нашри мақолоти илмӣ, аз ҷумла, дастурҳои таълимӣ-методӣ ва гузоришҳои илмӣ хидмати шоиста ба харҷ додааст.

Қобили зикр аст, ки натоиҷи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми ДМТ ва Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо интишор ва муфассал баррасӣ шуда, дар 25 номгуйи асару мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 5 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи унвонҷӯй аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 181 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос гардидааст. Дар матн 7 ҷадвал, 1 диаграмма ва 2 расм мавҷуд буда, рӯйхати адабиёт 205 манбаъро фаро мегирад.

Боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ»** - масъалаҳои марбут ба самтҳои назариявии салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён ҳамчун проблемаи таҳқиқот дар адабиёти илмӣ ва методӣ, аз ҷумла, асосҳои психологӣ ва педагогии салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар шароити бисёрфарҳангӣ, равияи инфиродӣ-фаъолмандӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар шароити муҳити этнофарҳангӣ, модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар гурӯҳҳои бисёрэтникирор ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар диссертатсия собит шудааст, ки баррасии тамоюли фардикунонии таълим худфаъолии муҳассилин, арзёбии нерӯ ва қудрату тавоноии ӯ, дурустӣ ва саҳеҳии донишу маҳорат ва малакаи субъекти раванди таълимро дар маркази диққат мегузорад. Зиёда аз ин, аз ҷониби муаллифи рисола муайян карда шудани функсияҳои марбут ба тамоюли фардикунонии шахсияти забономӯз дар партави башардӯстӣ, фарҳангшиносӣ ва иҷтимоишавӣ саҳифаҳои тозаи пажуҳиши уновонҷӯй маҳсуб меёбад.

Муҳтавои боби якуми рисоларо бо як фикри томи муаллиф чунин баён кардан мумкин ва он, бешубҳа, қобили қабул аст: "Болоравии таваҷҷуҳ ба проблемаҳои муоширати байнифарҳангӣ дар ҷаҳони муосир аён аст. Густариши фазои иттилоотӣ, рушди технологияҳои нави коммуникатсионӣ, афзоиши робитаҳои корӣ ва шахсӣ, мубодилаҳои фарҳангӣ ва робитаҳои мустақими байни ниҳодҳои давлатӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳамкории илмӣ, тиҷорат, сайёҳӣ зарурати муносибатҳои нави таълиму тадрисро дар факултетҳои забони хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба вуҷуд меорад. Айни замон ба мутахассисоне ниёз ҳаст, ки онҳо забони хориҷиро мояи зарури фаъолияти касбиашон медонанд. Муошират на танҳо донишҳои комили забонӣ, балки инчунин донистани анъанаҳо, урфу одат, воқеият, менталитет ва хусусиятҳои этникии кишварҳои хориҷиро тақозо карда, барои ноил шудан ба гуфтугуи забонҳо ва тамаддунҳоро мусоидат мекунад (саҳ. 31-и рисола).

Боби дувуми диссертатсия – **«Технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ»** иборат аз баррасию таҳқиқи ҷанбаҳои гуногун: технологияҳои педагогӣ ҳамчун воситаи баландбардории сифати таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои тахсилоти олии педагогӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ, технологияи фаъолияти муштараки педагогии донишҷӯён дар шароити муоширати байнифарҳангӣ, самаранокии технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифархангӣ дар давраи таълими таҷрибавии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ мебошад.

Дар боби дуюм муаллифи рисола муваффақ шудааст, ки барои ба амал ҷорӣ намудани самараноки технологияи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ барномаи таҳқиқоти таҷрибавӣ-омӯзишӣ коркард намояд. Модели пешниҳодкардаи муаллиф дар самти ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён ҷанбаҳои зеҳнӣ-когнитивӣ

ва коммуникативиро дар бар мегирад ва дар таъмини муошırати комил бо забонҳои ғайримодарӣ роҳи васеъ мекушояд.

Муаллиф маълумотҳои таҳқиқоти дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва як қатор МТМУ-ҳои шаҳрҳои Душанбе ва Бохтар гузарондаашро ба асос гирифта, меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккулёбии салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёнро дар раванди таълими забони хориҷӣ дар шароитҳои низоми кредитии таҳсилот арзёбӣ менамояд. Ба ақидаи унвонҷӯй, хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ – омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ бояд соҳиби донишу маҳорат ва малакаи касбӣ буда, аз вижагиҳои психологӣ-педагогӣ, методӣ; лингвистӣ-фарҳангӣ, этникӣ-психологӣ маълумоти кофӣ дошта бошад.

Боиси зикр аст, ки дар ин боб аз ҷониби муаллифи рисола мафҳуми салоҳиятҳои коммуникативӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ташреҳ расида, он чун дониши мушобеҳ ва монанди салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ҳини истифодаи унсурҳои қарини забони хориҷӣ ва маҳорати дар ин замина пойдории малакаҳои муоширатро баён месозад. Дар ин масъала муаллиф ба ҷанбаҳои антропологӣ, этникӣ-психологӣ ва фардияти шахси забономӯз таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, собит месозад, ки ҳарчанд раванди ташаккули байнифарҳангии муҳассилин кори мураккаб ва душвор ба шумор меравад, вале мавҷудияти наздикии гунае аз урфу одатҳо, анъанаҳо, ҳусни одобу ахлоқ ва маърифат, таҳаммулпазирию башардӯстӣ имкони робитаи забонҳо ва гуфтугӯи тамаддунҳоро фароҳам меорад.

Таҳлили рисола ва натиҷаҳои ба даст омада собит мекунад, ки низоми методии пешниҳодгардида ба ташаккули донишу малакаҳои устувори ба ҳам алоқаманд, рушди давра ба давраи салоҳиятмандии байнифарҳангии муҳассилини макотиби олии педагогӣ, ҳамгироии фанҳо, донишу таҷрибаҳои ҳосилшуда, мавҷудияти унсурҳои қарину монанди забонҳо ва тамаддунҳо ба рушди нерӯи муошират мусоидат мекунад.

Дар боби дуюм санҷиши модели пешниҳодшуда ва татбиқи авомили технологияи педагогӣ зимни ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ҳини омӯзиши забони хориҷӣ аз нигоҳи самаранокии технологияҳои пешқадам дар раванди таълим баррасӣ шудааст. Мазмуну мундариҷаи модели салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ бо ягонагӣ ва яклухтии қисмҳои таркибӣ (ҳадаф, вазифа, пешбинӣ, низом, тартиб, санҷиш, баҳодиҳӣ) тавсиф ёфтаанд.

Дар қисмати ниҳоии диссертатсия муаллиф тавсияҳоро ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки дар рисолаҳои минбаъд интихоби шакл, усул ва технологияҳои гуногуни таълими проблемавӣ, ки хусусиятҳои дараҷаи муайяни таҳсилотро ба ҳисоб мегиранд, бояд таҳқиқ ёбад. Инчунин ба истифодаи муносибати рефлексивӣ ба омӯзиши забони хориҷӣ дар муҳити бисёрэтникӣ таваҷҷуҳ намуда, ба проблемаи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён, баланд бардоштани ангезаи онҳо, омодагии онҳо ба худомӯзӣ дар тамоми ҳаёт эътибори ҷиддӣ бояд дод.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Рисола ба талаботи "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар солҳои 2021-2030" ҷавобгӯ буда, доир ба яке аз бандҳои асосии он, ки ба таҳқиқи илмӣ ва коркарди ҷанбаҳои бунёдӣ ва назаривию амалии таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ нигаронида шудааст, тааллуқ дорад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар диссертатсия натиҷаҳои ба даст омадаи унвонҷӯ бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои дигар олимон муқоиса карда мешуд, махсусан олимони тоҷик.

2. Диссертант дар рисолаи хеш мебоист бештар равшанӣ меандохт, ки кадом омилҳо метавонанд ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни гурӯҳҳои бисёрэтникиро тақвият бахшанд.

3.Дар матни рисола ва фишурдаи диссертатсия ифодаҳои "салоҳияти байнифарҳангӣ" ва "салоҳиятмандии байнифарҳангӣ" истифода шудааст. Шарҳ додани мафҳумҳои мазкур ба манфиати кор маҳсуб меёбад.

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновнаро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузоштташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода

кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй тадкиқоти масъалаи гузошташударо дар робита бо истифодаи технологияи педагогӣ ҳангоми ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи забонҳои хориҷӣ хеле муваффаққона ва дар сатҳи пурарзиш ба анҷом додааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола Раҷабова Фируза Садриддиновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шоҳиён Н.Н.

Имзои профессор Н.Н.Шоҳиёнро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси ДБХЗТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

02.11.2023 с.

**Маълумот барои тамос: Нишонӣ:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj